**ҲИСОБОТ**
**оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018**

## I. НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСИИ ХАРИДҲО

Дар давраи ҳисоботӣ, фаъолияти мақоми ваколатдори давлатӣ тибқи дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, ба ташаккули фазои ягонаи расмиёти хариди электронӣ дар Портали хариди давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақвияти ҷиҳатҳои мусбии фаъолият ва тадриҷан такмил додани низоми хариди давлатӣ дар доираи ислоҳоти амалишудаистода равона гардида буд.

Ислоҳоти соҳавӣ, ки айни замон дар доираи дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва "Лоиҳаи мукаммалгардонии идоракунии молиявӣ" амалӣ шуда истодааст, таҷдиди назар намудани қонунгузорӣ, такмилу рушди низоми хариди электронӣ, дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ, тақвияти назорати фаъолияти ташкилотҳои харидор ва баланд бардоштани иқтидори Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасониро дар бар гирифта, ба ноил гаштан ба ҳадафҳои низоми хариди давлатӣ, аз қабили истифодаи самаранок ва сарфакоронаи маблағҳо, рушди рақобат миёни таҳвилгарон, шаффофияти расмиёти харид, пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ ва бартараф намудани қонувайронкуниҳо мусоидат намуда истодааст.

Дар маҷмӯъ, соли 2018 тавассути Агентӣ 7165 дархост ба маблағи 2 049 330 339 сомонӣ мавриди расмиёти хариди давлатӣ қарор дода шуда, дар натиҷа ба маблағи умумии 1 922 595 210 сомонӣ тавсияҳо барои бастани қарордодҳо пешниҳод карда шудаанд. Сарфаи умумии маблағҳои давлатӣ 126 735 129 сомонӣ ва меъёри фоизии сарфа бошад 6,18 фоизро ташкил дода, нисбати соли 2017 мувофиқан ба андозаи 25 688 152 сомонӣ ва 0,42 банди фоизӣ зиёд мебошад.

Аз ҳаҷми умумии харидҳо, тавассути низоми хариди электронӣ дар Портали хариди давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, якҷо бо ташкилотҳои харидори соҳибихтисос 2979 дархости ташкилотҳои харидор ба маблағи 1 049 398 081 сомонӣ мавриди расмиёти хариди давлатӣ қарор дода шуда, дар натиҷа ба маблағи умумии 966 477 963 сомонӣ тавсияҳо барои бастани қарордодҳо пешниҳод карда шудаанд. Сарфаи умумии маблағҳои давлатӣ тавассути низоми хариди электронӣ 82 920 118 сомонӣ ва меъёри фоизии сарфа 7,9 фоизро ташкил дода, нисбати соли 2017 ба андозаи 18 763 249 сомонӣ ё 0,93 банди фоизӣ афзоиш ёфтааст.

Боиси зикр аст, ки то замони ба роҳ мондани фаъолият дар Портал, сарфаи ташкилотҳои харидори "соҳибихтисос" дар озмунҳои анъанавӣ, ки худашон мустақилона баргузор менамуданд, ба маротибҳо камтар буда, баъди ҷалб шудан ба Портал аз нимсолаи дуюми соли 2016 то инҷониб меъёри фоизии сарфа тамоюли афзоиш дорад. То марҳилаи баргузор намудани озмунҳои хариди давлатӣ тибқи низоми электронӣ, сарфаи миёнаи маблағҳои ташкилотҳои харидори "соҳибихтисос" аз рӯи озмунҳои анъанавӣ (дар асоси ҳисоботҳои онҳое, ки дар Портал фаъолият намуданд) 1,94 фоизро ташкил менамуд. Ҳоло бошад, барои ташкилотҳои харидори "соҳибихтисос" дар Портал тавассути низоми хариди электронӣ ба маблағи 618 189 798 сомонӣ расмиёти харид анҷом дода шуда, ба маблағи 568 998 088 сомонӣ тавсияҳо барои бастани қарордод пешниҳод карда шудаанд. Дар натиҷа, ба маблағи 49 191 710 сомонӣ сарфа ба даст оварда шуда, меъёри фоизии сарфа аз ҳаҷми маблағҳои барои харид пешниҳодшуда 7,96 фоизро ташкил дода, нисбати соли 2017 ба 1,3 банди фоизӣ ва нисбати озмунҳои анъанавии ташкилотҳои харидори соҳибихтисос то замони ба фаъолият дар Портал шурӯъ намудан ба 6,02 банди фоизӣ зиёд мебошад.

Сол ба сол афзоиш ёфтани меъёри фоизии сарфаи маблағҳо гувоҳи бартариятҳои низоми электронӣ нисбати низоми анъанавии харидҳо буда, самаранокии истифодаи маблағҳоро дар шароити шаффоф ва рақобат ҳамчун ҳадафи олии хариди давлатӣ таъмин намуда истодааст. Дар баробари нақши муҳими низоми хариди электронӣ, тақвияти назорати нархҳо ва пешгирии таъсири "доираи манфиатдорон" ба натиҷаҳои озмун аз омилҳои саҳмгузор ба нишондиҳандаҳои афзунёфтаи фаъолият ба шумор меравад. Инчунин, бо анҷом додани корҳои таблиғотӣ ҷиҳати ҷалби молрасонону истеҳсолкунандагон, аз ҷумла шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, ба фаъолият дар Портали хариди давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рақобат миёни довталабон беш аз пеш шадид гардида, дар озмунҳо пешниҳодҳои бештар ҷолибтари довталабон ворид мегарданд.

Бо андешидани тадбирҳои зарурӣ баҳри ҷалби ширкатҳо ва соҳибкорон, миқдори молрасонон ва молистеҳсолкунандагони дар Портали ягонаи хариди давлатӣ бақайдгирифташуда аз 1075 адад ба ҳолати 31 декабри 2017 то 1377 адад ба ҳолати 31 декабри соли 2018 расонида шуд, яъне миқдори иштирокчиёни эҳтимолии озмунҳои электронӣ дар давраи сипаригашта ба 28 фоиз афзуд.

Самти дигари фаъолият, ки рӯ ба беҳбудӣ овардааст, додани хулосаҳои расмии мақоми ваколатдор вобаста ба харидҳо бо усули харид аз як манбаъ, идоракунии қарордодҳо ва машваратдиҳӣ ба ташкилотҳои харидор мебошад. Хулосаҳои мусбӣ танҳо баъди омӯзиши амиқи дархостҳо дода шуда, ба ташкилотҳои харидор тавсияҳо ҷиҳати татбиқи дурусти муқаррароти қонунгузорӣ пешниҳод карда мешаванд,

ки гарчанде бо сарфаи дақиқи маблағ ифода намегардад, истифодаи самаранок ва сарфакоронаи маблағҳоро таъмин менамояд.

Бо мақсади таъмини шаффофияти расмиёти харид ва рушди рақобат миёни довталабон усулҳои озмунии хариди давлатӣ интихоб ва татбиқ гардида, даъватномаҳо барои иштирок дар озмун дар васоити ахбори омма, аз ҷумла Портали ягонаи хариди давлатӣ, сомонаи АМИТ "Ховар" ва воситаҳои ахбори нашриётӣ интишор гардиданд.

## II. ДАСТГИРИИ ИСТЕҲСОЛКУНАНДАГОНИ ВАТАНӢ

Дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди истеҳсолоти воридотивазкунанда дар асоси "Қоидаҳои реҷаи мусоид дар мавриди анҷом додани хариди давлатӣ", ки аз ҷониби Агентӣ таҳия гардида бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 феврали соли 2017 таҳти рақами №96 тасдиқ карда шудааст, дар маркази диққати фаъолияти мақомот қарор дошта, дар соли сипаригашта зимни баргузор гардидани озмунҳои хариди давлатӣ тавассути Портали ягонаи хариди давлатӣ аз ҷониби ташкилотҳои харидори кишвар, аз ҷумла ташкилотҳои "соҳибихтисос", ба маблағи умумии 966 477 963 сомонӣ молҳо харидорӣ шуда, аз он ҳиссаи молҳои ватанӣ 274 114 540 сомонӣ ё 28,3 фоизро (бидуни масолеҳи сохтмонӣ дар таркиби корҳои сохтмонӣ) ташаккул медиҳад.

Баҳри пешбурди омори хариди масолеҳи сохтмонӣ, ба ҳисоб гирифтани масолеҳи сохтмонӣ дар таркиби корҳои сохтмонӣ ба роҳ монда шуда, дар соли 2018 ба маблағи 57,7 млн. сомонӣ масолеҳи сохтмонии ватанӣ, аз ҷумла, хишт, бетон, маҳлули сементӣ, дару тирезаҳо, лулаҳои полиэтиленӣ, гаҷ, картони гаҷӣ, кабел ва дигар маҳсулотҳо харидорӣ карда шудааст. Бояд тазаккур дод, ки бо назардошти аз ҳаҷми умумии корҳо тарҳ намудани хароҷот барои музди меҳнат, кори механизмҳо, андозҳо, меъёрҳои фоидаи харҷномавӣ ва хароҷоти пудратчиён, ки ба ҳисоби миёна 45-50 фоизро ташкил медиҳад, ҳиссаи маҳсулоти сохтмонии ватанӣ тахмини сатҳи 50-55 фоиз қарор дорад.

Барои эҳтиёҷоти сохторҳои ҳарбӣ ва қудратӣ тавассути низоми хариди давлатӣ аз ҷониби ташкилотҳои харидор тавассути Портали ягонаи хариди давлатӣ амвол ва лавозимоти шайъӣ ба маблағи умумии 49 091 437 сомонӣ харидорӣ шуда, ҳиссаи маҳсулоти ватанӣ 44 765 764 сомонӣ ё 91,2 фоизро ташкил додааст. Барои харидории ҳамин навъ маҳсулот, комиссияҳои тендерӣ қатъиян барои додани бартарият ба маҳсулоти ватанӣ вазифадор карда шуда, масъалаи мазкур таҳти назорати доимӣ қарор дода шудааст.

Ҷиҳати иҷрои банди 25 Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2017 №4, бо тартиби бароҳмондашуда воҳидҳои сохтории Агентӣ қатъиян вазифадор карда шудаанд, ки зимни

анҷом додани расмиёти хариди давлатӣ хариди мебели истеҳсоли ватаниро таъмин намуда, баҳри самаранок иҷро намудани супориш тақсимоти дархостҳои ташкилоти харидор ба лотҳо, ирсоли огоҳинома оид ба расмиёти хариди давлатии мебел тавассути почтаи электронӣ ба истеҳсолкунандагони ватанӣ, талаби ҳуҷҷати тасдиқкунандаи таҳвили маҳсулоти ватанӣ аз таҳвилгар, агар он истеҳсолкунанда набошад, ба роҳ монда шудааст. Бо ҳамин муяссар гардид, ки мебели ватанӣ ба ҳаҷми 30 399 281 сомонӣ харидорӣ карда шавад, ки аз ҳаҷми мебели умумии харидшуда 65,7 фоизро ташкил медиҳад. Таҳлили таркиби хариди номгӯи маҳсулоти мебелӣ нишон медиҳад, ки аз хориҷи кишвар креслоҳои чармӣ, креслоҳои театрӣ ва курсиҳои мулоим, ки истеҳсоли онҳо аз ҷониби молистеҳсолкунандагони ватанӣ ба роҳ монда нашудаанд, харидорӣ карда мешавад. Бо мақсади аз ҳисоби ҳамин намудҳои мебел зиёд намудани дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ, Агентӣ муассисаҳои системаи ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати истифодаи имкониятҳои иловагӣ ва ба роҳ мондани истеҳсоли навъи нави мебел водор намуд.

Бо мақсади фаъолгардонии сомонаи молистеҳсолкунандагони ватанӣ https://madeintajikistan.tj имкониятҳои сомона тавассути видеоролик дар шабакаи якуми телевизионии Тоҷикистон муаррифӣ гардида, давоми соли сипаргашта корҳо оид ба дастрасӣ ва ҷойгиркунии маълумоти мушаххастар оид ба 1819 корхонаю ширкатҳо, ки қаблан ба руйхати корхонаҳо дар сомона ворид шуда буданд, идома ёфта истодааст.

## III. ТАДБИРҲО БАҲРИ ИСЛОҲОТ ВА РУШДИ СОҲА

Дар доираи ҷузъи 2-уюми “Лоиҳаи мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ”, ки ба таҷдиди назар намудани қонунгузорӣ, рушди низоми хариди электронӣ ва баланд бардоштани иқтидори кории мақоми ваколатдори хариди давлатӣ нигаронида шудааст, чораҳои мушаххас андешида шуда истодааст.

<u>1.Таҷдиди назар намудани қонунгузорӣ</u>

Лоиҳаи Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хариди давлатӣ”, ки ҷиҳати мутобиқат намудани қонунгузории миллӣ ба уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо назардошти манфиатҳои иқтисодии кишвар таҳия гардидааст, давоми нимсолаи дуюми соли 2018 бо назардошти таклифу эродҳои Вазорати адлия, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва Маркази миллии қонунгузорӣ такмил дода шуд. Санаи 24-26 сентябр лоиҳаи Қонун зимни ташрифи коршиносони Бонки Умумиҷаҳонӣ ба Тоҷикистон ва минбаъд моҳи октябри соли сипаригашта мавриди таҷдиди назар қарор дода шуда,

лоиҳаи такмилдодашуда барои мувофиқаи ниҳоӣ санаи 21 ноябр ба вазорату идораҳо пешниҳод гардид. Бо назардошти тартиби муқарраршудаи баимзорасии лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, дар назар дошта мешавад, ки лоиҳаи қонуни нав семоҳаи якуми соли 2019 ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад.

Ҳамзамон бо чараёни таҳияи лоиҳаи Қонуни мазкур, марҳилаи дуюми таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки аз лоиҳаи Қонуни нав бармеоянд, ба итмом расида, лоиҳаи низомномаи расмиёти хариди давлатӣ, ҳуҷҷатҳои стандартии тендерӣ аз рӯи навъҳои гуногуни харид, дастурамалҳои истифодабарандагон ва барномаи омӯзишӣ таҳия гардида, бо назардошти таклифу эродҳои вазорату идораҳо ба лоиҳаи Қонун мавриди такмил қарор дода шудаанд.

<u>2.Рушди низоми хариди электронӣ</u>

Мутобиқи банди 29 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2018, №34 “Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017 ва вазифаҳо барои соли 2018” роҳандозии портали ягонаи хариди давлатӣ пешбинӣ шуда, давоми сол аз ҷониби Агентӣ тадбирҳои мушаххас оид ба озмоиши портали нав ва низоми такмилдодашудаи хариди электронӣ, ҳамгирой бо низомҳои иттилоотии Вазорати молия (Хазинадории марказӣ) ва Кумитаи андоз (Феҳристи ягонаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ), таъсиси Хадамоти дастгирии техникии истифодабарандагон (Call center), омӯзонидани масъулини ташкилотҳои харидори пилотӣ, бақайдгирии ташкилотҳои харидор ва истифодабарандагони онҳо дар утоққҳои виртуалӣ, аз нав бақайдгирии молрасонҳо ва пудратчиён ва омӯзонидани онҳо, гузаронидани харидҳои тестӣ аз рӯи усулҳои гуногуни хариди давлатӣ ва ниҳоят баргузории озмунҳои хариди электронӣ дар портали нав андешида шудаанд.

Аз ҷумла, дар давраи аз 23 апрел то 3 майи соли 2018 дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон курси омӯзишӣ оид ба тайёр намудани кормандони вазорату идораҳо ва корхонаю муассисаҳо ба фаъолият дар портали нави хариди электронӣ https://eprocurement.tj барои 69 шунавандагон - намояндагони 38 ташкилоти харидори пилотӣ баргузор гардид. Курси омӯзишӣ барои шунавандагон дар ин давра аз ҷониби мутахассисони соҳаи технологияи иттилоотии Агентӣ ва ҳамчунин ба таври фосилавӣ аз тарафи коршиносону мутахассисони таҳиягари низоми нави хариди электронӣ - Ҷамъияти саҳомии “Маркази тиҷорати электронӣ”-и Ҷумҳурии Қазоқистон анҷом дода шудааст.

Ҷиҳати ташкили Хадамоти дастгирии техникии истифодабарандагони портал толори иловагии муосири хариди электронӣ сохта шуда, аз ҳисоби маблағҳои лоиҳавӣ таҷҳизоти муосири идоравӣ харидорӣ ва таҳвил карда шудааст. Баҳри бо кадрҳои

тахассуснок таъмин намудани Хадамоти дастгирии техникии истифодабарандагони портал, дар асоси озмун 5 нафар мутахассисони ҷавон интихоб гардида, ба ҳайси маъмур ва операторони хадамот ба кор қабул шудаанд.

Бо мақсади шурӯъ намудан ба фаъолият дар Портали нави хариди электронӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони воқеӣ (молрасонон ва пудратчиён) бо реҷаи такмилдодашудаи бақайдгирии довталабон бо дастгирии техникии операторони Портал ба қайд гирифта шуда истодаанд.

Тадбирҳои андешидашуда имкон дод, ки ташкилотҳои пилотӣ бо низоми такмилдодашудаи хариди электронӣ дар доираи портали нав фаро гирифта шуда, шурӯъ аз соли 2019 бо назардошти натиҷагирӣ аз фосилаи ибтидоӣ даври навбатии роҳандозии портал оғоз гардад. Бо ин мақсад, мактубҳои дастурӣ ба ташкилотҳои харидор ҷиҳати омодагӣ, бақайдгирии ташкилоти харидор ва доираи эҳтимолии ҳайати комиссияи тендерӣ, таҳияи нақшаи солонаи харид, ки бидуни он ташкилоти харидор расмиёти харидро бинобар хусусиятҳои манъкунандаи модулҳои электронии портал оғоз карда наметавонад, фиристода шуда истодаанд.

Дар маҷмуъ бояд қайд намуд, ки роҳандозии портали нав бартариятҳои беш аз пеш дар таъмини шаффофият ва рушди рақобат, фарогирии тамоми марҳилаҳои харид бо модулҳои электронӣ, пешгирии ҳолатҳои бидуни озмун анҷом додани харид, мукаммалгардонии идоракунии расмиёти харид, ҳисоботдиҳӣ ва муросилот миёни ташкилоти харидор ва иштирокчиёни харид, пешбурди корҳои таҳлилию оморӣ ба таври муосир фароҳам оварда, ба татбиқи сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ташаккули ҳукумати электронӣ ва муқовимат бо коррупсия мусоидат намуда истодааст.

Инчунин, бо баргузор намудани озмуни байналмилалӣ ҷиҳати интихоби мушовири инфиродӣ барои "Таҳияи тавсифи техникӣ барои такмили низоми нави хариди электронӣ барои солҳои 2019-2021" мушовири байналмилалӣ интихоб гардида, марҳилаи якуми корҳо моҳи январи соли 2019 оғоз мегардад.

<u>3.Баланд бардоштани иқтидори кории мақоми ваколатдори хариди давлатӣ</u>

Ҷиҳати дигаргунсозии сохтор ва ба талаботи муосир мутобиқ гардонидани фаъолияти мақоми ваколатдори хариди давлатӣ, ки аз ислоҳоти амалишудаистода бармеояд, таҳияи бизнес-модели рушди Агентӣ оғоз гардида, яке аз се лоиҳаи пешниҳодшуда интихоб карда шудааст. Аз ҷумла, таъсиси сохторҳои марбут ба касбикунонии харид ва баланд бардоштани иқтидори ташкилотҳои харидор, рушди хариди электронӣ ва навовариҳои рақамӣ, хариди молҳои истифодаи умум ва кор бо мизоҷон ба назар гирифта шудааст.

## IV. ИҶРОИ ДАСТУРУ СУПОРИШҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дастуру супоришҳо ва санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти назорати қатъӣ ва иҷрои саривақтӣ қарор дода шуда, бо фармоиши Директори Агентӣ аз 3 январи соли 2018, №5 Нақшаи чорабиниҳо вобаста ба татбиқи самараноки вазифаҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017 зикр шудаанд, тасдиқ гардида, иҷрои нақша таъмин шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ, дар асоси фармоишҳои Агентӣ нақшачорабиниҳо “Оид ба Иди байналмилалии Наврӯз ва сазовор пешвоз гирифтани ҷашни 27-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Оид ба фаъолияти Комиссияи ҷамъиятии Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими анъана ва ҷашну маросим”, “Вобаста ба татбиқи самараноки амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2018, АП-992 “Дар бораи тасдиқи Нақшаи чорабиниҳо бахшида ба “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”, “Оид ба татбиқи самараноки фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи ташкил намудани фаъолияти Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи тиримоҳу зимистони солҳои 2018-2019”, “Дар бораи тадбирҳои марбут ба таҷлили ҷашни Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон – 23 май”, “Дар бораи иштирок дар мусобиқаҳои варзишии дави миллӣ ва марафони велосипедронӣ” тасдиқ ва мавриди иҷро қарор дода шудаанд.

Маврид ба зикр аст, ки баҳри баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва қадрдонии дастовардҳои кишвар миёни шаҳрвандон, бахусус ҷавонон, дар намои бинои Агентӣ, ки наздики Донишгоҳи Славянии Россия-Тоҷикистон воқеъ аст, моҳи сентябри соли 2018 монитори муосири пахшкунандаи маводҳои видеоии таблиғотӣ васл ва мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудааст.

Инчунин, дар асоси фармоишҳо низомномаи Комиссияи ҷамъиятии Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими анъана ва ҷашну маросим ва низомномаи Комиссия оид ба ҳисоб кардани собиқаи хизмати давлатӣ тасдиқ карда шудааст.

Бо мақсади татбиқи амалии Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ, аз 1 июни соли 2018 дар Агентӣ низоми электронии мукотибот ва ҳуҷҷатгузорӣ роҳандозӣ карда шудааст, ки ба идоракунии босамари фаъолияти Агентӣ тавассути ҳамоҳангсозии фаъолияти воҳидҳои сохторӣ, коркарди фаврии ҳуҷҷатҳо ва назорати бароҳмонашудаи электронӣ, инчунин ба сарфаи хароҷоти марбут ба нусхабардории ҳуҷҷатҳо мусоидат карда истодааст.

Бо мақсади иҷрои бандҳои 2 Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани “Стратегияи рушди устувори ғизои мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2027” Агентӣ бо назардошти таклифу пешниҳодоти мақомоти соҳавӣ, аз қабили вазоратҳои маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Кумитаи бехатарии озуқаворӣ лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тартиби хариди маҳсулот аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва хизматрасониҳо ҷиҳати ташкили ғизои мактабӣ”-ро омода намуда, ба баррасии вазорату идораҳо пешниҳод намудаст.

Баҳри иҷрои фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2017, №74-ф сохтмони майдончаи дуюми варзишӣ ва бозиҳои кӯдакона, воқеъ дар суроғаи шаҳраки 22, кӯчаи Н. Қарабоев, 32/1, 34/2 саривақт ба итмом расид. Корҳои сохтмонии майдончаи варзишӣ ва бозиҳои кӯдакона дар масоҳати 2700 метри мураббаъ бо истифода аз масолеҳи сохтмонии аълосифат ва таҷҳизоту иншооти варзишии аз лиҳози техникӣ бехатар ва ба сифат ҷавобгӯ анҷом дода шуда, аз ҷониби масъулини мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ба сифати корҳо дар иншоот баҳои баланд дода шудааст. Илова бар ин, берун аз лоиҳаи иншоот, аз ҷониби кормандони Агентӣ ба тарзи ҳашар бо мақсади беҳтару хубтар намудани инфрасохтори маҳал 810 метри мураббаъ пайроҳаҳои атрофи иншоот мумфарш карда шуда, таваққуфгоҳи замонавӣ барои то 20 адад воситаҳои нақлиётии сокинон сохта ба истифода дода шуд. Барои бо сифати баланд ва сари вақт анҷом додани сохтмони иншоот, Агентӣ бо ҷойи якум сарфароз гардида, сохтмони майдончаи варзишии сеюм аллакай оғоз гардид.

Ҷиҳати татбиқи амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2018, №АП-1059 дар бораи сазовор истиқбол намудани ҷашни 30-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷониби Директори Агентӣ – роҳбари Гурӯҳи корӣ дар ноҳияи Ҷайҳун мунтазам, бо боздид аз деҳаю ҷамоатҳои ноҳия ва баргузории вохӯриҳо бо роҳбарият ва мутассадиёни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, соҳибкорон ва сокинони ноҳия маҷмӯи эҳтиёҷоти иқтисодию иҷтимоии ноҳия мушаххас гардида, нақшаи чорабиниҳо аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи ноҳия тасдиқ ва мавриди иҷро қарор дода шудааст.

Дар ин муддат, дар ноҳияи Ҷайҳун сохтмони 14 иншоот дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятии хайриявии ватанӣ ва бо сармоягузориҳои соҳибкорони ноҳия ва сокинони маҳал ба анчом расонида шуда, сохтмони 37 иншооти дигар дар ҳолати анчомёбӣ қарор дошта, бунёди 7 иншоот оғоз гардид. Инчунин бояд қайд намуд, ки аз ҷониби роҳбари гурӯҳ барои гулзоркунии ҳудуди маркази ноҳия 25000 адад садбарги ҳолландӣ дастрас карда шуда, бо ибтикори роҳбари гурӯҳ дар маркази ноҳия сохтмони боғи фароғатии замонавӣ шурӯъ гардид.

Баҳри татбиқи Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020, аз ҷониби роҳбарият ва кормандони Агентӣ зимни вохӯриҳо бо шаҳрвандони кишвар дар доираи иҷрои дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чорабиниҳои соҳавӣ, ки бо иштироки ташкилотҳои харидор доир гардиданд, диққати шаҳрвандон ба пешгирии гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароӣ, ғояҳои инсонпарваронаи дини ислом ва муқобил будани он ба террор, таҳаммулгароӣ ва ҳамдигарфаҳмии мазҳабӣ ҷалб карда шудааст.

Ҳамчунин, ҷиҳати андешидани тадбирҳо дар доираи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ва "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", зимни баргузории чорабиниҳои болозикр ва машғулиятҳои идоравӣ корҳои таблиғотӣ баҳри дарки масъулияти падару модар дар тарбияи насли наврас, оид ба риояи тартиботи ҷамъиятӣ ва моҳияти ба аҳолӣ манфиатбахш будани меъёрҳои нави бо ташаббуси Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" воридшуда анҷом дода шуданд.

## V. ТАҲИЯИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ

Дар давраи ҳисоботӣ, илова ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хариди давлатӣ" дар таҳрири нав ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тартиби хариди маҳсулот аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва хизматрасониҳо ҷиҳати ташкили ғизои мактабӣ", аз ҷониби Агентӣ дар асоси шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва супориши Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ду лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, ба баррасии вазорату идораҳо ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

Лоиҳаи қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба тасдиқи Протокол миёни давлатҳо-иштирокчиёни Шартнома оид ба минтақаи савдои озод аз 18 октябри соли 2011 дар

бораи қоидаҳо ва расмиёти танзими хариди давлатӣ” бо вазорату идораҳо мувофиқа карда шуда, тибқи тартиби муқарраршуда тавассути Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

Бахри иҷрои банди 37-уми Протоколи №37-14 ҷаласаи Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 феврали соли 2017 дар хусуси пешниҳоди таклиф ҷиҳати ба низом даровардани тартиби махсуси хариди давлатӣ ҷиҳати таъмини мудофиа, амнияти миллӣ ва сирри давлатӣ, Агентӣ лоиҳаи “Қоидаҳои анҷом додани хариди давлатӣ бо тартиби махсус” таҳия намуда, ба баррасии вазорати идораҳо пешниҳод намудааст. Ба ҳолати имрӯза таклифу эродҳои вазорату идораҳо ворид гардида, лоиҳаи мавриди таҷдиди назар қарор дода шудааст.

## VI. СТРАТЕГИЯИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯИ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2013-2020 ВА НАҚШАИ АМАЛИЁТИ ИСТАМБУЛИИ ШАБАКАИ МУБОРИЗА ЗИДДИ КОРРУПСИЯ БАРОИ ДАВЛАТҲОИ АВРУПОИ ШАРҚӢ ВА ОСИЁИ МАРКАЗӢ БАРОИ СОЛҲОИ 2018-2019

Дар асоси пешниҳоди Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нақшаи чорабиниҳои дохилидоравии Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2018 ҷиҳати амалисозии Нақшаи чорабиниҳои Стратегияи муқовимат ба коррупсияи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020” такмил дода шуда, бо фармоиши Агентӣ аз 30 марти соли 2018, №46 аз нав тасдиқ карда шудааст. Нақшаи чорабиниҳои такмилдодашуда фарогири 20 банди Нақшаи чорабиниҳои Стратегияи муқовимат ба коррупсияи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 буда, мавриди иҷрои марҳила ба марҳила қарор дода шудааст.

Инчунин, рафти иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба таъмини иҷрои тавсияҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР) барои Тоҷикистон дар доираи Нақшаи амалиёти Истамбулии Шабакаи мубориза зидди коррупсия барои давлатҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ барои солҳои 2018-2019 дар ҷаласаи гурӯҳи дохилиидоравӣ оид ба пешгирии коррупсияи Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, бо вазифагузории воҳидҳои сохтории Агентӣ дар асоси протоколи №2 аз 21 феврали соли 2018 тадбирҳои мушаххас андешида шуданд. Оид ба иҷрои бандҳои 1-7 тавсияи 11-уми Нақшаи амалиёти Истамбулии Шабакаи мубориза зидди коррупсия ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ахбороти муфассал пешниҳод карда шудааст.

Дар асоси фармоиш ва дастури Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия таҳлили фаъолияти Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.10.2016 №465 “Дар бораи тасдиқи Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)” анҷом дода шудааст. Ҳисобот оид ба хавфҳои ошкоршуда ва лоиҳаи Нақшаи мукаммал барои солҳои 2019-2020 таҳия ва барои мувофиқа ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия пешниҳод карда шудааст.

## VII. ЧОРАБИНИҲОИ ТАҲЛИЛИЮ НАЗОРАТӢ

Дар соли 2018 фаъолияти харидории як қатор ташкилотҳои харидори соҳибихтисос, аз ҷумла Вазорати маориф ва илм, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Вазорати нақлиёт, МД “Мудирияти минтақаи зериобшавандаи НБО “Роғун”, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Роғун, Ваҳдат, Исфара, МД Гурӯҳи идоракунии Лоиҳаи «Тақвияти таҳсилоти касбӣ-техникӣ ва омузиш», МД Раёсати сохтмони асосии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, Корхонаи воҳиди давлатии “Ширкати алюминийи Тоҷик”, Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Тоҷик Эйр” ва Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор гирифт.

Аз рӯи натиҷаҳои чорабиниҳои таҳлилию назоратӣ барои риоя накардани талаботи қонунгузорӣ дар соҳаи хариди давлатӣ Шаҳодатномаи ташкилоти харидори соҳибихтисос- Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Тоҷик Эйр” №ҶТ/00/0035 бозхонд гардида, Сертификати мутахассиси хариди Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Тоҷик Эйр” бекор карда шуд.

Инчунин, аз рӯи таҳлили расмиёти бароҳмондашудаи озмуни хариди давлатии “Барқарор намудани роҳи автомобилгарди Паркамчӣ –Маликоваи ноҳияи Данғара” дар асоси қонуншиканиҳои ошкоргардида Сертификати мутахассиси хариди Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бекор гардид.

Дар умум, дар соли 2018 аз тарафи кормандони дастгоҳи марказии Агентӣ нисбати 13 нафари масъулини хариди ташкилотҳои харидор мутобиқи моддаи 519 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии маъмурӣ татбиқ гардида, маблағҳои ҷаримаҳои ситонидашуда дар андозаи 7100 сомонӣ ба фоидаи буҷети давлат гузаронида шудааст.

Илова ба ин, дар соли 2018 аз тарафи бахшҳои минтақавии Агентӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар якҷоягӣ бо дигар мақомотҳои давлатӣ зимни гузаронидани санҷишу таҳлилҳо дар

ташкилотҳои харидори ҳудуди минтақа  як қатор қонуншиканӣ дар соҳаи хариди давлатӣ ошкор гардида, нисбати 34 нафар масъулини харид парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз гардида, ҷаримаи маъмурӣ дар ҳаҷми 17 400  сомонӣ ба фоидаи давлат руёнида шуд.

Аз ҷониби мутахассисони Агентӣ мунтаззам таҳлили расмиёти хариди давлатии озмунҳои баргузорменамудаи ташкилоти харидори соҳибихтисос мавриди корбарӣ қарор гирифта, вобаста ба камбудиҳои ошкоркардашуда ва бахри бартараф намудани онҳо, инчунин таъмини риоя расмиёти хариди давлатӣ зимни таъмини эҳтиёҷотҳои давлатӣ ба ташкилотҳои харидор мунтазам тавсияҳо ва мактубҳои дастурӣ ирсол мегарданд.

Зимни натиҷагирии корҳои таҳлилии ташкилотҳои харидор тибқи қарорҳои роҳбарияти Агентӣ муҳлати амали Шаҳодатномаи фаъолияти харидории мустақили 29 ташкилоти харидори соҳибихтисос ва муҳлати амали 27 адад сертификати мутахассисони харид тамдид гардид.

Дар робита ба иҷрои банди 10 Протоколи ҷаласаи бисту дуюми Шӯрои нозирони Ширкати саҳҳомии кушодаи холдингии “Барқи Тоҷик” №2к/20-27 аз 5 апрели соли 2017 зимни таъмини эҳтиёҷоти Ширкат 28 адад хулосаҳои дахлдор оид ба танзими озмунҳои хариди баргузоргардида ирсол гардидааст.

Дар доираи татбиқи супориши Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 марти соли 2018, №2к/16-27 оид ба иҷрои қарорҳои протоколии ҷаласаи Шӯрои нозирони ҶСК “НБО Роғун” аз 6 марти соли 2018, №2к/16-27ҶСК зимни таъмини эҳтиёҷотҳои давлатии иншооти сохташаванда 63 адад шарҳи расмиёти предмети харидшаванда дода шудааст.

Зимни ҳамкории намояндагони Агентӣ бо масъулини воҳиди харид ва ҳайати Комиссияи тендерии ҶСК НБО “Роғун” ва ШСХК “Барқи Тоҷик” камбудиҳои ҷойдоштаи раванди ташкили озмунҳо мунтазам бартараф шуда истода, расмиёти анҷом додани харидҳои минбаъдаи ҶСК НБО “Роғун” ва ШСХК “Барқи Тоҷик” ба тартиби муқарраршуда тадриҷан мутобиқгардонида шуда истодааст. Дар ин замина иқтидори касбии мутахассисони хариди ҷамъиятҳои мазкур мунтазам баланд шуда истодааст. Аз натиҷаи расонидани кӯмаки методии мақоми ваколатдор оид ба хариди давлатӣ, расмиёти хариди ин ду субъекти муҳим рӯ ба беҳбудӣ оварда, аз ҷумла сарфаи миёнаи маблағҳои давлатӣ дар озмунҳои ШСХК “Барқи Тоҷик” тариқи усули электронӣ ба 7,89 фоиз расидааст, ҳоло он, ки дар озмунҳои анъанавӣ нишондиҳандаи мазкур 1,97 фоизро ташкил медод.

## VIII. МУШКИЛОТИ СОҲАИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

Бо вуҷуди комёбиҳо дар низоми хариди давлатӣ, ки пеш аз ҳама бо ба даст овардани сарфаи бештар аз натиҷаи баргузории озмунҳои электронӣ, таъмини шаффофияти расмиёти харид ва фароҳам овардани шароити мусоид барои иштироки номаҳдуди таҳвилгарон зоҳир мегардад, ҳолатҳои харҷ намудани маблағҳои давлатӣ бидуни тартиби муқарраршудаи хариди давлатӣ ба назар мерасад, ки садди роҳи ноилшавӣ ба мақсадҳои муайянгардидаи Қонун мегардад.

Сарфи назар аз тадбирҳои андешидашудаи Агентӣ дар доираи ваколатҳои пешбинишудаи мақоми ваколатдор, бартараф намудани камбудию қонунвайронкуниҳо ва истифодаи боз ҳам самараноки маблағҳои давлатӣ дар ҳамбастагӣ бо мақомоту ташкилотҳои дигари масъул имкон мебошад.

Аз ҷумла, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 роҳандозии низоми пешқадами хариди электрониро дар лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ пешбинӣ намуда, бо пешниҳоди Агентӣ ва тибқи супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 марти соли 2018 №27248 (22-8) ва аз 20 апрели соли 2018, №3201 (22.4) истифодаи низоми хариди электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон https://eprocurement.gov.tj ки бо назардошти стандартҳои байналмилалӣ дар доираи гранти Бонки Умумиҷаҳонӣ таҳия карда шудааст, маъқул дониста шуда буд. Дар робита ба ин, Агентӣ барои омӯзонидани кормандони масъули гурӯҳҳои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ аз Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ даъват ба амал бароварда, бо назардошти супориши протоколи ҷаласаи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2018, №1к/22-5 такроран ҷиҳати автоматикунонии раванди харид аз рӯи усули “дархост барои пешниҳоди нархнома (шопинг)” ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ тавассути низоми хариди электронии амалкунанда таклиф пешниҳод намуд.

Мутаассифона, тарзи муосиру дар ҷаҳон пазируфтаи хариди давлатӣ ба манфиатҳои агентиҳои иҷрокунандаю татбиққунандаи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ бархӯрд ёфта, иҷрои муқаррароти Стратегия таъмин нагардидааст.

Масъалаи дигари мавриди таваҷҷӯҳ амалияи бароҳмондашудаи харидҳои ҷамъиятҳои саҳомӣ ва муштарак, ки дар сармояи оинномавии онҳо ҳиссаи давлат зида аз 50 фоиз мебошад ва муассисаю ташкилотҳои дар низоми адад вазорату идораҳои кишвар мавҷудбуда мебошад. Дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади иҷрои банди 4 Тавсияи 11. Нақшаи чорабиниҳо оид ба таъмини иҷрои тавсияҳои Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд дар доираи “Нақшаи амалиёти Истамбулии

Шабакаи мубориза бо коррупсия барои давлатҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ барои солҳои 2018-2019” ва банди 2 Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009 – 2018, аз ҷониби Агентӣ бо дастрасӣ аз Феҳристи харидҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқоиса ва таҳлилу омӯзиши фаъолияти харидории 124 адад ҷамъиятҳои саҳомӣ ва муштарак, ки дар сармояи оинномавии онҳо ҳиссаи давлат зиёда аз 50 фоиз мебошад, инчунин 942 адад муассисаю ташкилотҳои дар низоми 35 адад вазорату идораҳои кишвар мавҷудбуда, ки маблағҳои онҳо маблағҳои давлатӣ ҳисобида мешаванд амалӣ карда шуд.

Таҳлил ва омӯзиш нишон дод, ки дар Феҳристи харидҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоот оид ба харидҳои давлатии 755 адад ташкилоти харидори болозикр умуман вуҷуд надорад. Чунин муҳити ғайришаффоф ва маҳдудсозии рақобат гувоҳ аз он мебошад, ки ташкилоти харидори болозикр эҳтиёҷоти давлатии худро берун аз муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ”, яъне бидуни баргузории озмунҳои хариди давлатӣ, таъмин намуда, ба эҳтимолияти сар задани кирдорҳои коррупсионӣ шароит фароҳам меоварад. Иттилооти муфассал вобаста ба вазъи ошкоргардида ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шудааст.

Яке аз мушкилоти дигари асосӣ, ки ба он дар фаъолияти ҳаррӯза Агентӣ дучор мегардад, сатҳи ғайриқаноатманди тахассуснокии масъулини аксари ташкилотҳои харидор дар марҳилаи омодагӣ ба озмунҳо мебошад, ки тадбирҳои иловагиро ҷиҳати омӯзонидани онҳо тақозо дорад. Бо ин мақсад, корҳои омодагӣ ҷиҳати таҳия ва роҳандозии платформаи омӯзиши электронии фосилавии истифодабарандагон оғоз гардида, ба кулли истифодарбарандагон воситаи муосири омӯзиши низоми хариди электронӣ, қонунгузории хариди давлатӣ ва расмиёти хариди давлатӣ дар асоси модулҳои таълимии ба марҳилаҳо ҷудогардида пешниҳод хоҳад шуд.

Боиси тазаккур аст, ки бинобар ба сарфакорона истифода намудани маблағҳо афзалият додани фаъолият, дар марҳилаи навбатии ислоҳоти соҳавӣ масъалаи иҷрои уҳдадориҳои қарордодии таҳвилгарон, ки назорати он бевосита аз ташкилотҳои харидор вобаста аст, бояд дар мадди назар гузошта шавад, зеро дар мавриди мавҷуд набудани аудити берунаи қарордодҳо хавфҳои забоняккунии ташкилоти харидор бо таҳвилгар меафзояд. Бо назардошти муҳиммияти масъалаи мазкур, ба роҳ мондани назорати доимии иҷрои қарордодҳо тавассути модули “идоракунии қарордодҳо”-и Портал ва санҷиши интихобии қарордодҳои дараҷаи хавфи баланд мувофиқи мақсад мебошад.

Дар маҷмуъ бояд қайд намуд, ки дар марҳилаи кунунӣ асосан саъю кушиш ва мувофиқан вақти зиёди мақоми ваколатдори хариди

давлатӣ ба пешгирии харидҳо бо нархи гарон, таъмини афзоиши теъдоди довталабон дар озмунҳо, ислоҳи дархостҳои номукаммали ташкилотҳои харидор ҷиҳати баргузории озмун ва танзими дигар ҷабҳаҳои расмиёти харид равона гардида, сарфи назар аз ноилшавӣ ба мақсадҳои болозикр, таҳия ва қабули стратегияи миёнамуҳлати рушди низоми хариди давлатӣ, ки бо муайян намудани вазъи воқеӣ, эътироф ва дараҷабандии хавфҳои мавҷуда, муқаррар намудани самтҳои афзалиятнок, тасдиқи нақшаи чорабиниҳо ва индикаторҳои ноилшавӣ ба ҳадафҳо нақши "харитаи роҳ"-ро барои соҳа касб менамояд, мувофиқи мақсад мебошад.

## IX. ВАЗИФАҲО БАРОИ СОЛИ 2019

Бо назардошти сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ислоҳоти соҳавӣ, тақвияти истеҳсолоти воридотивазкунанда ва бартариятҳои низоми хариди электронӣ, ки аз нишондиҳандаҳои фаъолият, ҷорӣ намудани назорати қавӣ ва мувофиқан коҳиш ёфтани шиддати коррупсия, таъмин шудани шаффофият, фароҳам овардани шароити мусоид барои рақобати озод, кам гардидани хароҷоти маъмурикунонӣ ва иштирок дар озмунҳо, сарфаи вақт ва таъмини ҳисоботдиҳӣ назди ҷомеаи шаҳрвандӣ бармеоянд, дар назди мақомот ва ташкилотҳои харидор барои соли 2019 вазифаҳои зерин гузошта мешавад:

-андешидани тадбирҳо ҷиҳати роҳандозӣ намудани Портали нави ягонаи хариди давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми ташкилотҳои харидор;

-идомаи маҷмӯи чорабиниҳо оид ба дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ;

-сариваќт ва тибқи нақшаи тасдиқшуда татбиқ намудани ҷузъи 2-юми "Лоиҳаи мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ", аз ҷумла ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани бизнес-модели рушди Агентӣ, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хариди давлатӣ" дар таҳрири нав ва баробари ҷараёни мазкур таҳия намудани санадҳои зерқонунӣ, инчунин таҳияи платформаи омӯзиши электронии истифодабарандагон ва стратегияи миёнамуҳлати рушди низоми хариди давлатӣ;

- ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаҳои таҳияшудаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-тақвияти корҳои назоратӣ-таҳлилӣ дар ташкилотҳои харидор дар асоси модулҳои омории портали нави хариди электронӣ ва аз натиҷагирии онҳо пешниҳод намудани таклифҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон ҷиҳати пешгирии қонунвайронкуниҳо ва самаранок истифода намудани маблағҳои давлатӣ;

-амалӣ намудани нақшаи чорабиниҳои дохилидоравии марбут ба Стратегияи муқовимат бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020, Нақшаи амалиёти Истамбулии Шабакаи мубориза зидди коррупсия барои давлатҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ барои солҳои 2018-2019 ва Нақшаи мукаммал дар асоси Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ);

-дар асоси дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон андешидани чораҳо баҳри фароҳам овардани заминаи ташкилию ҳуқуқӣ барои иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи хариди давлатӣ.

Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд ҳам баҳри рушди соҳа дар заминаи сиёсати пешгирифтаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус дар ҷодаи дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ, таъмини истифодаи сарфакоронаи маблағҳо, такмили қонунгузорӣ ва рушди ҳамаҷонибаи низоми хариди электронӣ тадбирҳои саривақтиро меандешад.